# Мавзӯи 11: Мафҳум ва тавсифи киберҷиноятҳо

## Мафҳум ва моҳияти киберҷиноятҳо

Дар асри XXI пешрафту тараққиёти замонаро бе донистани техникаву технологияи компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Пешрафту тараққиёти технологияи муосир дар баробари садҳо манфиат, аз мушкилот низ холӣ нест. Яке аз чунин проблемаҳо ин тавсеа ёфтани киберҷиноят бо истифода аз технологияи компютерӣ мебошад, ки мубориза алайҳи он дар тамоми давлатҳо оғоз ёфтааст.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) тарзи тиҷорат, хариди мол ва хизматрасониҳо, фиристодан ва қабул кардани пул, муоширoт, мубодилаи иттилоот, ҳамкорӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳоро бо субъектҳои гуногуни ҳуқуқӣ тағйир дод. Чунин тағйирот ва истифодаи торафт афзоянда ва вобастагӣ аз ТИК осебпазириро дар соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меорад, ки аз ҷониби ҷинояткорон ва дигар ҳамлагароне, ки ТИК-ро ҳадафи худ қарор медиҳанд ва ё бо истифода аз ТИК барои содир кардани ҷиноят шароит фароҳам меоваранд, эҷод мекунанд.

Киберҷиноятҳо пеш аз ҳама ба системаи компютерӣ равона мешаванд. Таърифҳои гуногуни системаи компютерӣ мавҷуданд. Масалан, дар моддаи 1 (а) -и Конвенсияи Шӯрои Аврупо оид ба киберҷинояткорӣ соли 2001 “системаи компютерӣ” ҳамчун “ҳама гуна дастгоҳ ё гурӯҳи дастгоҳҳои ба ҳам алоқаманд ё омехта, ки як ё якчанди он мутобиқи барнома амал карда, коркарди маълумотро ба таври автоматӣ амалӣ менамояд”, фаҳмида шудааст. Дар баробари ин дар моддаи 1-и Конвенсияи Иттиҳоди Африқо оид ба киберамният ва ҳифзи маълумоти шахсӣ дар соли 2014 системаи компютериро ҳамчун «дастгоҳи электронӣ, магнитӣ, оптикӣ, электрохимиявӣ ё дигар дастгоҳи баландсуръати коркарди маълумот ё гурӯҳи дастгоҳҳои ба ҳам алоқаманд ва ё ҳамроҳкунандаи вазифаҳои мантиқӣ, арифметикӣ ё нигоҳдорӣ, аз ҷумла воситаҳои нигаҳдории маълумот ё воситаҳои алоқаи бевосита бо ин дастгоҳ ё ин гуна дастгоҳҳо алоқаманд, маънидод намудааст.

Ҷиноятҳо дар соҳаи иттиоолоти компютерӣ ва ҷиноятҳо бо истифода аз компютер ва дигар дастгоҳҳо содиршаванда дар қонунгузории ҷиноятӣ як намуди ҷинояти нав ба ҳисоб мераванд ва ин намуди ҷиноятҳоро аслан киберҷиноятҳо ном мебаранд.

Таърифи умумиэътирофшудаи киберҷиноятҳо вуҷуд надорад. Аммо таърифи зерин унсурҳои барои ҳама таърифҳои мавҷудаи киберҷиноятҳо дохилшударо дар бар мегирад. Киберҷиноят як амали қонунвайронкуние мебошад, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) содир мешавад ва ё шабакаҳо, системаҳо, маълумотҳо, вебсайтҳо ва / ё технологияро таҳти ҳадафи ҷинояткорона қарор медиҳад[1]. Киберҷиноят аз ҷинояти анъанавӣ бо он

[1] Goodman, Marc D. and Brenner, Susan W. (2002). The Emerging Consensus on Criminal Conduct in Cyberspace. International Journal of Law and Information Technology, Vol. 10, No. 2, 139-223; Wilson, Clay. (2008). Botnets,

фарқ мекунад, ки "ҳудуди ҷисмонӣ ё ҷуғрофиро эътироф намекунад" ва метавонад нисбат ба ҷинояти маъмулӣ бо кӯшиши камтар, осонтар ва зудтар содир карда шавад.

Europol соли 2018 киберҷиноятро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: **1)** ҳама гуна ҷиноятҳое, ки танҳо бо истифода аз компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ ё дигар шаклҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ содир мешаванд; **2)** ҷиноятҳое, ки тавассути кибертехнологияҳо содир мешаванд (яъне, ҷиноятҳои анъанавие, ки тасвассути интернет ва технологияҳои рақамӣ содир мешаванд) [2].

Фарқи асосии байни ин категорияҳои киберҷиноятҳо нақши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар содир намудани ҷиноят мебошад ва чунин ҳолат бо он вобаста аст, ки оё ТИК ҳадафи ҷиноят аст ё қисми таркибии тарзи содиркунии ҷиноят ( методи таъсиррасонӣ), ки ҷинояткор истифода кардааст. Вақте ТИК ҳадафи ҷиноят қарор мегирад, чунин ҷинояткорӣ ба махфият, комилият ва ё дастрасии маълумоти компютерӣ ё системаҳои компютерӣ таъсири манфӣ мерасонад[3].

Махфият, тамомият ва дастрасии маълумот ҷанбаҳои асосӣ мебошанд[4]: ба ибораи оддӣ, маълумоти махфӣ бояд махфӣ боқӣ монад, онро бе иҷозати соҳиби он тағйир додан мумкин нест ва маълумот, хизматрасониҳо ва системаҳо бояд ҳамеша ба соҳибаш дастрас бошанд. Вақте ТИК ҷузъи тарзи содир кардани ҷиноят аст, киберҷинояткорӣ ҷиноятҳои анъанавиро дар бар мегирад (масалан, қаллобӣ ва дуздӣ), ки содиршавии онҳо бо ин ё он тарз тавассути интернет ва технологияҳои рақамӣ сурат мегирад.

## Мушкилотҳое ки ҳангоми мубориза бо киберҷиноятҳо мавҷуданд

Мубориза бо киберҷиноятҳо дар ҷаҳон, аз ҷумла дар ҶТ бо якчанд мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад ва мо он мушкилиҳоро ба се намуд ҷудо намудем:

**Мушкилоти техникӣ.** Якчанд сабабҳои техникӣ мавҷуданд, ки мубориза бо киберҷинояткориро душвор месозанд. Сабаби аввал ин мансубият аст. Ҳар як компютере, ки ба интернет пайваст аст, метавонад бо ҳама гуна компютерҳои ба интернет пайвастшуда таъсири мутақобила расонад. Пайвандии компютерҳо тавассути интернет аз суроғаи IP вобастагӣ дорад. Суроғаи IP одатан рақами ягонаи

---

Cybercrime, and Cyberterrorism: Vulnerabilities and Policy Issues for Congress. https://fas.org/sgp/crs/terror/RL321 14.pdf.; International Telecommunication Union (ITU). (2012). Understanding cybercrime: Phenomena, challenges and legal response. http://www.itu.int/ITUD/cyb/cybersecurity/docs/Cybercrime%20legislation%20EV6.pdf.

[2] McGuire, Mike and Dowling, Samantha. (2013). Cyber crime: A review of the evidence Research Report 75, Chapter 1: Cyber-dependent crimes. https://assets.publishing.service.gov.uk/government/uploads/system/uploads/attachment_data/file/246751/horr75-chap1.pdf.; Europol. (2018). Internet Organised Crime Threat Assessment 2018. https://www.europol.europa.eu/activities-services/main-reports/ internet -organisedcrime-threat-assessment-iocta-2018.

[3] УНП ООН (2013). Проект доклада УНП ООН «Всестороннее исследование проблемы киберпреступности». https://www.unodc.org/documents/organizedcrime/UNODC_CCPCJ_EG.4_2013/CYBERCRIME_STUDY_210213.pdf.

[4] Rouse, Margaret. Confidentiality, integrity and availability (CIA Triad). TechTarget. https://whatis.techtarget.com/definition/Confidentiality-integrity-andavailability-CIA (2014)

ҷаҳонӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки компютер тавассути провайдери кишвари мушаххас ба интернет пайванд шавад. Мушкилӣ дар он аст, ки ҳамлагар (хакер) роҳҳои зиёди пинҳон кардани суроғаи IP-и худро дорад, ё ҳатто вонамуд кунад, ки вай аз суроғаи дигари IP пайваст шуда истодааст. Гузашта аз ин, ҷинояткорон метавонанд аз асбобҳои мухталиф истифода кунанд, то аз ошкор кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ канораҷӯӣ кунанд, дастрасиро мушкил гардонанд.

**Мушкилоти дуввуми** техникӣ бо таъминоти барномавӣ (нармафзор) алоқаманд аст. Барномаҳои компютерӣ нармафзор мебошанд. Маҷмӯи барномаҳои дар компютер истифодашавандаро таъминоти барномавии компютер ё нармафзор меноманд. Нармафзорҳои муосир миллионҳо барномаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Баъзеи ин барномаҳоро барномаҳои системавӣ, қисми дигарашонро барномаҳои татбиқӣ, сеюминашонро забонҳои барномарезӣ ва ҳоказо номгузорӣ кардаанд. Истифодабарандаи компютер метавонад ё аз барномаҳои тайёр баҳра бардорад ё худаш чунин барномаҳоро созад. То имрӯз маҷмӯи (дастаи, пакети) бениҳоят калони барномаҳои гуногуне сохта шудаанд, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои мухталиф мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо ёрии барномаҳо ҳам бозиҳои гуногун ва ҳам масъалаҳои душвортарини математикиро ҳал намудан мумкин аст. Онҳо дар гузаронидани амалиёти бонкӣ, молиявӣ, тайёркунии санадҳо, намоишномаҳо ва ғайра ба таври васеъ истифода мешаванд. Хулоса, ҳоло чунин соҳаеро ном бурдан душвор аст, ки дар он барномаҳои компютерӣ татбиқ наёфта бошанд.

Барномаҳо дар телефон ё планшети шумо низ мебошанд. Хизматгузориҳое (сервисҳо), ки шумо дар интернет пайваст мекунед, ба монанди вебсайт, инчунин ба нармафзор дохил мешаванд. Бисёр вақт нармафзор осебпазирӣ дорад. Осебпазирӣ метавонад мушкилот дар барнома ё конфигуратсияи нодуруст бошад, ки ба ҳуҷумкунандагон имкон медиҳад, ки амалҳоеро анҷом диҳанд, ки онҳо натавонистанд иҷро кунанд (масалан, маълумоти корти кредитии муштариёнро зеркашӣ кардан).

Дарёфти осебпазирӣ барои ширкатҳои нармафзор душвор мебошад, алахусус онҳое, ки бо лоиҳаҳои калони нармафзор алоқаманданд, зуд-зуд иваз мешаванд. Баъзан ҳамлагарон пеш аз ширкати нармафзор осебпазириро пайдо мекунанд. Мувофиқи маълумоти Bilge and Dumitras, то он даме, ки осебпазирӣ номаълум боқӣ мемонад, нармафзори осебпазирро наметавон дуруст кард ва нармафзори антивирус наметавонад ҳамларо бо истифодаи сканер кардани дастгоҳ муайян кунад. Ширкат дар бораи ин гуна осебпазирӣ ҳамон вақт дарк мекунад, ки вақте он аз ҷониби киберҷинояткорон барои ҳамла ба махфият, тамомият ё дастрасии нармафзор ва истифодабарандагони нармафзор истифода мешавад.

Мушкилоти дигари техникӣ ин инфрасохтори виртуалии ТИК мебошад. Бисёри ташкилотҳо низоми иттилоотиашонро дар серверҳое ҷойгир кардаанд, ки соҳибони он сервер дигаронанд (хост-проавйдер). Дар чунин ҳолатҳо ширкат як қисми масъулиятро барои амнияти киберӣ ба зиммаи провайдери хизматрасон мегузорад ва ҳангоми вайрон кардани амният, ширкат бояд бо провайдери

хизматрасон ҳамкорӣ кунад, то ҳодисаҳоро таҳқиқ кунад, ки метавонад боиси мушкилоти техникӣ ва ҳуқуқӣ шавад.

**Мушкилоти ҳуқуқӣ.** Киберҷиноят як навъи ҷинояти фаромиллист, ки ҷинояткорон ва ҷабрдидагони он метавонанд дар тамоми нуқтаҳои дунё, ки дар он ҷо пайвастшавӣ ба интернет мавҷуд аст, қарор дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, муфаттишоне, ки ҷиноятҳои кибериро тафтиш мекунанд, аксар вақт дар фаъолияти онҳо дастрасии фаромарзӣ ва табодули маълумот талаб карда мешавад. Ин вазифаро дар сурате иҷро кардан мумкин аст, ки агар маълумоти дархостшуда аз ҷониби провайдерҳои хидматрасон нигоҳ дошта шуда, чораҳо андешида шаванд, то мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба маълумот дастрасӣ пайдо кунанд. Дар чунин маврид донистани меъёрҳои боби 48 КМЧ ҶТ, яъне ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ дар тартиби расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ талаб карда мешавад.

Мушкилоти асосии ҳуқуқӣ дар таҳқиқи ҷиноятҳои киберӣ ва таъқиби киберҷинояткорон инҳоянд: мавҷудияти низоми гуногуни ҳуқуқӣ дар кишварҳои гуногун; фарқият дар қонунҳои миллӣ вобаста ба киберҷиноятҳо; фарқиятҳо дар меъёрҳои ҳуқуқии далелҳо ва мурофиаи судии ҷиноятӣ (масалан, дар тартиби дастрасӣ ба далелҳои рақамӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; бо тартиби судӣ ё бидуни фармоиши кофтуков намудан); фарқият дар амал ва татбиқи ҷуғрофии шартномаҳои минтақавӣ ва бисёрҷонибаи киберҷиноятҳо; фарқият дар равишҳо ба ҳифзи маълумот ва риояи ҳуқуқи инсон.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳо оид ба такмили амнияти иттилоотӣ ба амал бароварда шуда истодаанд. Ба ташкили заминаи таъмини ҳуқукии амнияти иттилоотӣ оғоз карда шуда, он такмил ёфта истодааст. Дар баробари КҶ ҶТ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон “Дар бораи сирри давлатӣ”, “Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма”, “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ”, “Дар бораи табъу нашр”, “Дар бораи алоқа”, “Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он”, “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ”, “Дар бораи иттилоот” ва “Дар бораи ҳифзи иттилоот” қабул шуданд. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон (аз 7 ноябри соли 2003 № 1176) тасдиқ шудааст, марҳилаи нави ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ мебошад. Ҳамин тавр масъалаи ҳуқуқии мубориза бар зидди киберҷиноятҳо дар мавриди назар ва такмил қарор дорад.

Мушкилоти фаврӣ (оперативӣ). Яке аз мушкилоти асосии фаврӣ (оперативӣ) дар тафтишоти ҷинояти киберӣ ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо мебошад. Ҳамкории байналмилалӣ дар таҳқиқи ҷиноятҳои киберӣ унификатсияи (ба як шакл даровардан) қонунгузорӣ дар кишварҳои ҳамкорро тақозо мекунад. Воситаҳо, ба монанди шартномаҳои ёрии ҳуқуқии мутақобила (яъне созишномаҳое, ки дар онҳо тарафҳо барои ҳамкорӣ дар таҳқиқ ва таъқиби ҷиноятҳое, ки тибқи қонунҳои миллии онҳо ҷазо дода мешавад) метавонанд барои

фиристодани дархостҳои расмӣ барои кӯмак аз як кишвар ба дигаре истифода шаванд. Аммо, дархостҳо барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ метавонад вақтро талаб кунад ва натиҷаҳои қобили қабул ба даст наорад, ба монанди пешгирии ҷиноят ё пешниҳоди далелҳо барои истифода дар суд.

Дар сатҳи универсалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СММ ба муқобили ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ; Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф; Конвенсия дар бораи манъи коркард, истеҳсол, захира ва истифодаи яроқи кимиёвӣ ва нобуд кардани он; Конвенсияи ягонаи СММ дар бораи воситаҳои нашъадор; Конвенсияи СММ дар бораи моддаҳои психотропӣ; Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ; Конвенсия дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истисмори фоҳишагӣ аз ҷониби шахсони сеюм; Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм; Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо маблағгузории терроризм; Конвенсияи СММ ба муқобили коррупсия эътироф намуда, дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо дар доираи ин санадҳо уҳдадориҳои ба зиммааш гирифтаро иҷро намуда истодааст.

Дар сатҳи минтақавӣ ва ҳамкории мутақобила бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, граждании ва оилавӣ аз соли 1993; Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ аз соли 2002-ро эътироф намудааст. Ҳамзамон чунин шартномаҳои дуҷониба бо давлатҳои хориҷӣ, ба монандӣ: Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи кӯмаки мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 10 майи соли 2001; Шартнома байни Ҷумхурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 9 апрели соли 2007; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи парвандаҳои ҷиноятӣ, тиҷоратӣ ва гражданӣ аз 6 майи соли 1996; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи ёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ аз 16 сентябри соли 1996; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар бораи созмон додани гурӯҳи кории муштарак оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ аз 17 июни соли 2014; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва дигар ҷиноятҳо аз 10 июни соли 2014; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина дар бораи бозпас додани ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи истирдод; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар бораи истирдод; Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар

бораи бозпас додани маҳкумшудагон; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар бораи бозпас додани маҳбусон барои адои минбаъдаи ҷазо; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи истирдод бастааст. Дар умум миқдори чунин шартномаҳои дуҷониба ҳудуди 70 ададро ташкил медиҳанд. Оянда бо тақозои замон ва шароит ҷиҳати ба таври кофӣ баҳри мубориза бо киберҷиноятҳо санадҳои дуҷониба ва бисёрҷониба қабул намудан байни давлатҳои ҷаҳон ва минтақа ногузир мебошад.

**Пешгирии киберҷиноятҳо**

Киберҷинояткорон аксар вақт усулҳои техникӣ ва иҷтимоиро барои содир кардани ҷиноят истифода мебаранд. Пешгирии баъзе намудҳои киберҷиноят мушкил аст, аммо корбарони технология метавонанд барои ҳимояи худ (то андозае) аз ҷиноятҳои киберӣ чораҳои заруриро андешанд. Политсияи Аврупо (Европол) соли 2018 дар вебсайти худ дастурҳои зиёдеро оид ба огоҳии мардум ва пешгирии ҷинояткорӣ нашр мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳатто амалҳои хурд метавонанд тағйироти калон дар ин самт ба бор оранд. Дар зер якчанд маслиҳатҳо мавҷуданд, ки ҳангоми пайвастшавӣ ба Интернет бояд дар хотир дошта бошед:

Системаи амалиётӣ ва нармафзори насбшударо мунтазам такмил кунед;

Нармафзори мунтазамеро, ки шумо дигар истифода намебаред, аз дастгоҳ тоза кунед;

Аз як барномаи антивирусӣ, ки аз ҷониби як ширкати мӯътабар таҳия шудааст, истифода баред;

нармафзор, филмҳо ё мусиқиро аз сайтҳои дастрасашон умумӣ зеркашӣ накунед - онҳо аксар вақт зарароваранд;

Маълумоти шахсиро дар сайтҳои номаълум ворид накунед;

Ҳангоми ворид кардани маълумоти молиявӣ суроғаи дурусти вебсайтро тасдиқ кунед.

Омӯзиши вазъ нишон медиҳад, ки чораи асосии мубориза бо ҷинояткории киберӣ дар сатҳи давлатӣ маҳз танзими ҳуқуқӣ мебошад: такмили қонунгузорӣ, криминализатсияи ҷиноятҳои нав, пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои аллакай мавҷуда дар соҳаи кибер. Сарфи назар аз қонунгузории мавҷудаи кишварҳои гуногун, барои ҷинояткорони кибернетикӣ сарҳад ва салоҳият вуҷуд надорад. Киберҷинояткорон бо сабабҳои хеле гуногун ва бо ҳадафҳои гуногун ҷиноят содир мекунанд. Аммо, қайд кардан бамаврид аст, ки ҷинояткорони киберӣ, ки ба маълумоти махфӣ ё назорати системаҳои IT дастрасӣ пайдо кардаанд, баъзан ҳатто намефаҳманд, ки бо иттилооти гирифташуда чӣ кор кунанд.

Тавассути ҷамъоварии усулҳои дастрас Марина Лепина, рӯйхати амалҳои асосии корбаронро пешниҳод намудааст, ки дар пешгирии ҷиноятҳои киберӣ нақши муҳим доранд:

Истифодаи барномаҳои компютерии литсензионӣ ва нармафзори антивирусӣ;

Истифодаи суроғаи почтаи электронӣ бо мақсади муайян: сабти ном дар вебсайтҳо, пардохти ҳаққи хидматҳо, интиқоли иттилооти муҳим (беҳтар ҳифзшуда);

Кушодани замимаҳо танҳо аз фиристандаҳои маълум, агар шумо шубҳа дошта бошед, ба шумо лозим аст, ки бо фиристанда ба тариқи дигар тамос гиред;

Замимаҳоро барои ҷой доштани вирусҳо тафтиш кунед;

Дар варақаҳо ва саволномаҳои тавассути почтаи электронӣ гирифташуда нишон додани маълумоти шахсӣ номатлуб аст, зеро танҳо сайтҳои бехатар кафолати интиқоли онҳоро дода метавонанд;

Тасдиқи дархостҳо барои маълумоти шахсӣ аз сохторҳои тиҷорӣ ва молиявӣ тавассути тамос бо ин сохторҳо бо истифода аз алоқаҳое, ки дар вебсайти расмӣ нишон дода шудаанд, аммо на дар мактуби электронӣ;

Ҳангоми муошират бо мизоҷон, бонкҳо одатан паҳнкунии оммавиро анҷом намедиҳанд. Аз ин рӯ, беҳтар аст бо истифода аз воситаҳои тамос, ки дар вебсайти расмии худ нишон додаанд, ба идораи бонк тамос гиред, то вазъро равшан созед;

Дархостҳо барои чораҳои фаврӣ дар ҳолатҳои фавқулодда эҳтимолияти қаллобӣ доранд. Ҷинояткорон ҳисси изтиробро ба вуҷуд меоранд, то корбарро маҷбур кунад, ки дар ҳолати фавқулодда зуд ва бепарво амал кунад. Бояд вазъро арзёбӣ кард ва тасмими огоҳона гирифт;

Нашри корти иловагӣ барои пардохти мол дар Интернет;

Вақте ки саҳифаи шуморо мешикананд, агар шумо ягон файлро зеркашӣ карда бошед, ба сайт дароед, то саҳифаро тавассути дастгоҳи сироятнашуда барқарор кунед;

Ҳеҷ гоҳ файлҳоеро, ки истифодаи компонентҳои ActiveX-ро дар Internet Explorer талаб мекунанд, накушоед, зеро онҳо ба JavaScript, ки дар заминаи браузери IE кор мекунад, дастрасӣ ба объектҳои системаи амалиётӣ, аз ҷумла бор кардани файлҳои иҷрошаванда, ки эҳтимолан ашёи зараровар мебошанд ва онҳоро барои худ зеркашӣ мекунанд[5].

**Тавсифи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (киберҷиноятҳо)**

Ба киберҷиноятҳо пеш аз ҳама он ҷиноятҳое шомил мебошанд, ки системаҳо, шабакаҳо ва иттилоотро ҳадафи худ қарор медиҳанд ва бо мақсади вайрон намудани махфият (яъне, вақте ки системаҳо, шабакаҳо ва маълумот ҳифз шудаанд ва танҳо корбарони ваколатдор метавонанд ба онҳо дастрасӣ пайдо кунанд), яклухтият (яъне, вақте ки маълумот дақиқ ва боэътимод аст ва тағир наёфтааст) ва

---

[5] 11 правил сетевой безопасности: как защититься от кибермошенников 22.03.2021 / Марина ЛЕПИНА [Электронный ресурс]. URL: https://www.miloserdie.ru/article/11-pravil-setevoj-gigieny-kak-zashhititsya-ot-kiberprestupnosti/.

дасрасии онҳо (яъне вақте ки маълумот, хизматрасониҳо ва системаҳо ҳангоми муроҷиати аввал дастрасанд) содир мешавад. Ин ҷиноятҳои киберӣ ҳамлаҳои хакерӣ; сохтан, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани нармафзори зараровар; ҳамлаҳои намуди "рад намудани хизмат" (DoS); тақсим намудани ҳамлаҳои намуди "рад намудани хизмат" (DDoS); ва расонидани зарар ба вебсайтҳоро (яъне шакли тахриби онлайнӣ, ки ба мундариҷаи вебсайт нигаронида шудааст) дар бар мегиранд.

Мувофиқи КҶ ҶТ ҷиноятҳои мазкур дар боби 28, ки ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ном гирифтаанд, дарҷ гардидаанд. Дар асоси боби мазкур ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ инҳо дохил мешаванд:

Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (моддаи 298).

Ин намуди ҷиноят дар ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компьютерӣ, ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, бо вайрон кардани системаи муҳофизати онҳо (қ.1 м. 298 КҶ ҶТ), инчунин ҳамин кирдор, агар аз беэҳтиётӣ боиси тағйир додан, нест кардан ё муҳосираи (блокировкаи) иттилоот, ҳамчунин аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ гардида бошад ё зарари ҷиддӣ расонида бошад (қ. 2 м.298 КҶ ҶТ), ифода мегардад.

Мувофиқан бо муқаррароти қонун ҳар як ҷиноят бояд дар худ дорои аломатҳои объективӣ (объект ва тарафи объективӣ) ва субъективие (субъект ва тарафи субъективӣ), ки унсурҳои таркиби ҷиноятро ба қадри зарурӣ ва ба кифоя тавсиф медиҳанд, дар бар гирад.

*Объекти ҷинояти* ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки таъминкунандаи ҳифзи иттилоот ва тачҳизоти компютерӣ, инчунин имконияти истифодабарии давомноки онҳоро ба манфиати соҳибмулк ва истифодабарандагон таъмин мекунад, мебошад. Ҳифзи иттилоот — маҷмӯи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд

Яке аз категорияҳое, ки ба сохти таркибии объекти ҷиноят дохил мешавад, ин предмети ҷиноят мебошад. Предмети ҷинояти ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти электронӣ, яъне иттилооти компютерӣ ташкил медиҳад, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд. *Иттилоот* – маълумот дар бораи шахсҳо, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад[6]. Маълумоти электронӣ (иттилооти электронӣ) бошад, – пешниҳоди электронии ҳама гуна иттилооте, ки мошинаи электронии ҳисоббарор қабул мекунад»[7].

---

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» // http://www.mmk.tj/library/dar_borai_ittiloot.rar

[7] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ" // mmk.tj/library/dar_borai_imzoi_elektroni.doc

*Тарафи объективии* ҷинояти мазкурро (қ.1 м. 298 КҶ ҶТ) ҳаракати фаъол дар намуди ғайриқонунӣ даромадан (дастрасшавии беиҷозат) ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ва ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ташкил медиҳад. Дастрасшавии беиҷозат — ба даст овардани иттилооти ҳифзшаванда аз тарафи субъекти манфиатдор бо вайронкунии ҳуқуқ ё қоидахои дастрасшавии иттилооти ҳифзшаванда, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё молики (соҳиби) иттилоот муқаррар кардаанд, мебошад.

Мисоли амалии содиршавии ҷинояти мазкур: *"Аз ҷониби кормандони Раёсати мубориза зидди ҷиноятҳои муташаккили ВҚД ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун гумонбар дар ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ шаҳрванд И.С., соли таваллудаш 1984, сокини ш.Душанбе дастгир карда шуд, ки номбурда аввалҳои моҳи апрели соли 2013 дар назди бинои «Фарҳанг»-и ш.Душанбе бо шаҳрванди Федератсияи Русия П.А., соли таваллудаш 1987 вохӯрда бо маслиҳати пешакӣ, ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ворид гардидаанд. Онҳо таҷҳизотҳои техникӣ ду адад «Шлюз-GSM» бо истифода аз интернети босуръати оптика дар интернетҳои ш. Душанбе, шаш адад «Шлюз-GSM», се адад «WIMAX», панҷ адад «Симбонк» симкортҳои ширкати мобилии «Вавилон М»-ро таҷҳизонида, бо истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ, ғайриқонунӣ ба системаи муҳофизатшаванда даромада, бо терминатсияи ғайриқонунии занг ҳои воридотии байналмилалӣ машғул гардида, дар натиҷа ба ширкати мазкур ва буҷаи давлат зарари моддӣ расонидаанд*[8]*"*.

Барои он, ки кирдори дар моддаи зикршуда ҷиноят эътироф карда шавад, он бояд бо роҳи вайрон кардани системаи муҳофизати иттилоот, ки дар системаи компютерӣ ва ё дар шабакаи компютерӣ ҷойгир карда шудааст, алоқаманд бошад. Дар акси ҳол, агар шахс бе вайрон кардани системаи муҳофизатӣ иттилоотро ғайриқонунӣ дастрас кунад (ба он дарояд), он гоҳ кирдори содиршуда ҷиноят эътироф намешавад. Вайрон кардани системаи муҳофизати иттилоот бо *тарзҳои* гуногун амалӣ мегардад, мисол, бо:

а) истифодаи маъводҳои махсуси техникӣ ва ё барномавӣ, ки имконияти аз байн бурдани системаи ҳимоявии гузошташударо медиҳад;

б) ғайриқонунӣ истифода намудани исми кор (парол) ё рамз (код) барои дохил гардидан ба компютер;

в) рабудани (дуздидани) барандагони иттилоот, бо шарте, ки чораҳои муҳофизати онҳо дида шуда бошад;

г) ба иҷро расонидани дигар амалиётҳо бо мақсади дохил гардидан ба система ё шабакаи компютерӣ ҳамчун истифодабарандаи қонунӣ[9].

Тарафи субъективии ин ҷиноят дар қасди бевосита ифода мегардад, яъне, гунаҳкор ғайриқонунӣ будани ҳаракати худро, ки дар вайрон кардани системаи

---

[8] Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ // https://mvd.tj/old/index.php/tj/asosi/3521-ajri-onun-daromadan-ba-ittilooti-kompyuter

[9] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Глобус, 2005. С. 397-398

муҳофизатии компютер ба дастрас намудани иттилоот ифода мегардад, дарк менамояд ва хоҳиши амалӣ гардонидани онҳоро дорад.

Субъекти ҷиноят шахси синнаш ба 16-солагӣ расида ҳисобида мешавад. Дар баробари ин, субъекти ҷинояти мазкур инчунин субъектони махсус низ шуда метавонанд, ки ин гуна ҷиноятро аз истифодаи вазифаи хизматиаш содир мекунад, яъне, шахсе ки бевосита ба МЭҲ, системаи МЭҲ ва ё шабакаи он иҷозат дорад.

Дар қисми 2-и моддаи 298 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ, ки боиси тағйир додан, нест кардан ё муҳосираи (блокировкаи) иттилоот, ҳамчунин аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ гардида бошад ё зарари ҷиддӣ расонида бошад, муқаррар шудааст. Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки тарафи объективии он аз ҳаракатҳои зерини алтернативӣ иборат аст:

*Тағйирдиҳии иттилоот* – дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд;

*Нобудсозии иттилоот* — ин амали барқасдона ё беэҳтиётона мебошад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти иттилоот барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳаҷми пурра ё маҳдуд қатъ мегардад. Бояд дар назар дошт, ки қобилияти корбар барои барқарор кардани маълумоти нобудшуда бо истифода аз асбобҳои нармафзор ё гирифтани ин маълумот аз корбари дигар ҷинояткорро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намекунад. Номгузории файли дорои иттилоот, инчунин ивазкунии автоматии версияҳои кӯҳнаи файлҳо бо навтарин вобаста ба вақт, нест кардани иттилоот ҳисобида намешавад.

*Муҳосираи (блокировкаи) иттилоот* – ин иҷрои амале, ки ба маҳдудият ва ё пӯшидани (махкам намудани) дастрасӣ ба системаи компютерӣ ва захираҳои иттилоотии пешниҳодкунандаи он оварда мерасонад;

*Аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ* (вайрон кардани кори компютер, системаи компютер ва ё шабакаи он) – ин вайрон кардани чӣ барномаҳо, асоси (манбаи) маълумотҳо, хориҷи иттилоотҳои таҳрифкардашудаи алоҳида, ҳамчунин ҳангоми фаъолияти маъводҳои таҷҳизоти ғайриасосӣ ва таҷҳизоти периферӣ ва ё вайрон кардани фаъолияти мӯътадили шабака мебошад[10]. Дар чунин маврид яке аз шартҳои бандубаст танҳо бо қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ ин ҳифзи яклухтии ҷисмонии компютер мебошад. Агар дар баробари оқибатҳои зикршуда, яклухтии ҷисмонии системаи компютерӣ ҳамчун мол низ вайрон карда шавад, пас чунин кирдор мувофиқи моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои зидди моликият муқарар намудааст, бандубасти иловагиро талаб мекунад.

Таркиби ҷинояти мазкур аз рӯи сохти таркибиаш моддӣ буда, мавҷудияти расонидани зарари ҷиддиро талаб мекунад. *Расонидани зарари ҷиддӣ* – чунин маъно дорад, ки системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ аз кор мебарояд, маълумоти арзишнок тағйир ё нест карда мешавад ва ғайра.

[10] Ҳамон ҷо. С. 397-398

Тарафи субъективии ҷинояти дар қ.2-и моддаи 298 КҶ ҶТ дар беэҳтиётӣ ифода мегардад. Ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда кирдори барои ҷамъият хавфноке эътироф мешавад, ки аз худбоварӣ ё бепарвоӣ содир шудааст.

Ҷиноят ҳангоме аз худбоварӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ карда, вале бе асосҳои ба он кофӣ, худбоварона ҳисоб карда бошад, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад. Ҷиноят ҳангоме аз бепарвоӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ накарда бошад, ҳол он, ки дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад.

Субъекти ҷиноят (қ.2 м. 298 КҶ ҶТ) шахси синнаш ба 16-солагӣ расида ҳисобида мешавад.

Қисми 3-юми ин модда ҷавобгарии баландро барои содир намудани кирдорҳои дар қ.1 ва 2 м. 298 КҶ ҶТ, ки боиси аз беэҳтиётӣ ба вуқӯъ омадани *оқибатҳои вазнин* гардидааст, пешбинӣ мекунад.

Тарафи субъективии ҷинояти бо қ.3-юми ҳамин модда пешбинишуда дар беэҳтиётӣ ифода мегардад.

**Тағйир додани иттилооти компютерӣ** (моддаи 299).

Тағйири иттилоот, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бараъло бардурӯғ, ки зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро пеш овардааст, ҷиноят эътироф мешавад ва ин кирдор бо моддаи 299-и КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Тағйир додани иттилооти компютерӣ як намуд ё шакли мустақили ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ мебошад. Таркиби ҷинояти мазкур аз рӯи сохти таркибиаш моддӣ буда, фаро расидани оқибатро дар намуди зарари ҷиддӣ расонидан муқаррар намудааст. Тарафи объективии он аз ду ҳаракати алтернативӣ, яъне:

тағйир додани иттилоот, ки дар системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст;

дохил намудани иттилооти барълало бардурӯғ ба системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё махзани мошинҳо иборат аст.

Мафҳуми тағйир додани иттилоот дар таҳлили моддаи 298-и КҶ ҶТ дода шудааст.

Тағйир додани иттилоот ҳамон вақт боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мегардад, ки агар тағйир додани иттилоот бо мутобиқсозии барнома барои компютер ё пойгоҳи додаҳо алоқаманд набошад, ки он танҳо бо мақсади таъмини фаъолияти барнома дар воситаҳои мушаххаси техникии корбар ё таҳти назорати барномаҳои мушаххаси корбар сурат мегирад.

Истифодаи барномаҳое, ки иттилоотро бидуни тағйир додани мундариҷаашон бо имконияти барқарор кардани шакли аввалаи худ – бойгониҳо (архиваторҳо), рамзгузорҳо ва ғайра тағйир медиҳанд, ба маънои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳамчун "тағйир" бояд баҳо дода нашаванд.

Дохил намудани иттилоот ба системаи номбаршуда танҳо он вақт таркиби ҷинояти бо ҳамин модда пешбинишударо ташкил медиҳад, ки агар он маълумоти бардурӯғро доро бошад. Иттилоот он гоҳ бардурӯғ эътироф карда мешавад, ки агар он ба ҳақиқати ҳол мувофиқат накунад ва истифодабарандагонро ба таҳлука андозад[11].

Тарафи субъективӣ дар қасди бевосита ифода мегардад.

Субъект – умумӣ, яъне, шахси ба синни 16-солагӣ расида мебошад.

Дар қ. 2-и моддаи 299 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тағйири иттилоот, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бараъло бардурӯғ, ки *бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ* алоқаманд бошад ва *аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардида* бошад, пешбинӣ шудааст.

Аломати аввалро кирдор - ҳолати он ва дуввумро - оқибати он тавсиф мекунад. Қисми 2 м. 299 КҶ ҶТ таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки дар ин меъёрҳои бандубастшаванда таркиб моддӣ аст, зеро қонунгузор бидуни ҳеҷ гуна қайду шарт дар қ. 2 истилоҳи "тағйир додани иттилооти компютериро" истифода кардааст. Мафҳуми "тағйир додани иттилооти компютерӣ", мувофиқи қисми якуми м. 299 КҶ ҶТ расонидани зарари ҷиддиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, тағйир додани иттилооти компютерӣ ё ҷорӣ кардани иттилооти бардурӯғ, ки бо дастрасии беиҷозат ба система ё шабакаи компютерӣ алоқаманд аст, танҳо дар ҳолати қасдан расонидани зарари ҷиддӣ кирдори ҷиноятӣ ҳисобида мешавад. Тағйир додани иттилооти компютерӣ бо аломати бандубастшаванда дуюм, ҷинояти беэҳтиётӣ мебошад, зеро он дар матни қонун бевосита нишон дода шудааст.

**Тахриби компютерӣ** (моддаи 300).

Тахриби компютерӣ дар КҶ ҶТ ҳамчун несту нобуд, муҳосира ё корношоям сохтани иттилооти компютерӣ ё барнома, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ, ҳамчунин вайрон кардани системаи ё шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо маънидод карда шудааст.

Тарафи объективии тахриби компютерӣ дар содир намудани яке аз (ё якчанд) ҳаракатҳои зерин ифода мегардад:

[11] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Глобус, 2005. С. 398

*А) Несту нобуд кардани иттилоот компютерӣ.* Нобудсозии иттилоот - ин амали барқасдона мебошад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти иттилоот барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳаҷми пурра ё маҳдуд қатъ мегардад.

*Б) Несту нобуд кардани барномаи компютерӣ.* Барномáи компютерӣ (англ. *Computer program*) пайдарпайии дастурҳоеро гӯянд, ки барои бо таҷҳизот идора кардани компютерҳо таъйин шудааст. Барнома яке аз унсурҳои нармафзор мебошад. Вобаста ба мазмун истилоҳи мазкур чун матни ибтидоии барнома низ метавонад истифода шавад. Барнома маҷмӯи маълумотҳо ва амрҳое мебошад, ки барои кор кардани мошинҳои электронӣ ва дигар таҷҳизоти компютерӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ, аз ҷумла маводди омодасозӣ, ки дар рафти таҳияи барнома барои компютер ба даст оварда шудаасту барои ҳосил кардани садо ва тасвирот имкон медиҳад, таъйин шудааст[12]. Несту нобуд кардани барномаи компютерӣ маънои онро дорад, ки дар натиҷаи чунин амал барномаи компютерӣ аз компютер нест карда мешавад ва дар натиҷа он ба таври муътадил фаъолият карда наметавонад ё фаъолияти бо барномаи комютерӣ идорашаванда аз кор боз мемонад. *Масалан, дар натиҷаи несту нобуд кардани барномаи компютерии маркази савдои Ашан вобаста ба фурӯши маҳсулот фаъолияти ин марказ то барқарор намудани барнома аз кор боз мемонад ва ба он зарари моддӣ расонида мешавад.Ё ин ки ҳангоми несту нобуд кардани барномаҳои компютерӣ вобаста ба интиқоли маблағ, ба монанди: «Contact», «ЛИДЕР», «Юнистрим», «Anelik» фаъолияти онҳо то барқарор шуданашон боз дошта мешавад ва дар натиҷа ба ин соҳибони ин системаҳо зарари моддӣ расонида мешавад.*

*В) Муҳосира (блокировка) кардани иттилоот ё барномаи компютерӣ* - ин иҷрои амале, ки ба маҳдудият ва ё пӯшидани (махкам намудани) дастрасӣ ба системаи компютерӣ ва захираҳои иттилоотии пешниҳодкунандаи он оварда мерасонад;

*Г) Корношоям сохтани иттилоот ё барномаи компютерӣ.* Ин ҳаракат маънои онро дорад, ки иттилоот ё барномаи компютерӣ дар компютер мавҷуданд, вале бо сабаби нест ё вайрон кардани қисамтҳои асосии онҳо қодир нестанд, ки функсияи худро пурра иҷро намоянд. *Масалан, барномаи компютерӣ дигар қодир нест, ки як иттилоотро аз иттилооти дигар фарқ кунад;*

*Д) Аз кор баровардани тачҳизоти компютерӣ.* Тавре маълум аст, компютери фардии IBM PC дар ду намуд - рӯйимизӣ ва ҳамроҳ истеҳсол карда мешавад. Ба таҷҳизоти асосии намуди рӯйимизии ин компютери фардӣ блоки системавӣ, монитор (экран), сафҳакалид (клавиатура) ва муш дохил мешаванд. Ба таҷҳизоти иловагии компютери фардӣ сахтабзори гуногуни воридотӣ ва содиротии иттилоотро дохил кардан мумкин аст. Миқдор, намуд ва сифати ин гуна таҷҳизот ба шакли фаъолият ва имкониятҳои молиявии корбари компютер вобаста аст. Истифодабарандагон бештар дастгоҳҳои чопгар, ҷойстик, сканер, плоттер, дигитайзер, вебкамера, фотокамераи рақамӣ, системаи акустикӣ ва модемро истифода мебаранд.

[12] https://tg.wikipedia.org/wiki/Барномаи_компютерӣ

Аз кор баровардан, яъне корношоям кардани чунин таҷҳизотҳо ҳамчун тахрибкории компютерӣ бандубаст карда мешавад. Тахриб кардан дар ҳама намудаш, бояд ба ҷиноятҳо бо таркибҳои моддӣ дохил шавад, яъне оқибати ба ҷамъият хавнок дар намуди расонидани зарар (ҷиддӣ, ба миқдори калон, ба миқдори махсусан калон) дар диспозитсияи модда нишон дода шавад. Лекин бо сабабҳои номаълум ин ҳолат дар қ. 1 м. 300 мадди назар шудааст ва он метавонад ҳангоми бандубасти ҷиноят ба мушкилиҳо оварда расонад ё ин ки барои зарари ночиз, ба монанди вайрон намудани мушаки компютер шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

*Е) Вайрон кардани системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё махзани мошинҳо.* Барои муайян намудани моҳияти ҳаракати мазкур зарурияти муайян намудани мафҳумҳои зерин зарур аст:

*Системаи компютерӣ.* Системаи компютерӣ – ин маҷмӯи муташаккили технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарорӣ ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро таъмин менамоянд;

*Шабакаи компютерӣ.* Агар ду ва зиёда компютер бо ҳамдигар бо ягон усуле пайваст (симӣ, мавҷӣ ва ғайра) бошанд ва байни ҳамдигар алоқа барқарор карда тавонанд, он гоҳ мегӯянд, ки онҳо дар шабакаи компютерӣ пайвастанд. Шабакаи компютерӣ – воситаи пуриқтидори мубодилаи информатсияи байни компютерҳо мебошад. Дар амалия вобаста аз ҳаҷми информатсияи барои ҳалли масъалаҳо зарурӣ аз шабакаҳои компютерии локалӣ, регионалӣ, глобалӣ ва ғайра истифода мебаранд[13].

*Махзани машинҳо* – ин барандагони иттилоот ба ҳисоб меравад, мисол, флешкартаҳо, сахтафзорҳо, CD-КОМ, DVD-КОМ, дискҳои оптикӣ ва ғ.

Ҳамчун вайрон кардани системаи компютерӣ, нобудшавии ҳам тамоми таҷҳизоти ин система ва ҳам баъзеи онҳоро, ки бе ин системаи компютерӣ кор карда наметавонанд, бояд баррасӣ кард. Масалан, нобуд шудани монитор ҳамчун дастгоҳи баромади иттилоот боиси қатъ шудани блоки системавӣ намешавад, аммо бе намоиши иттилоот дар экран, блоки системавӣ барои корбар бефоида хоҳад буд.

Дар зери моҳияти тахриби (вайрон кардани) шабакаи компютерӣ на нобудшавии ҳама гуна компютерҳои инфиродӣ дар шабака, балки танҳо сервер ё хатҳои иртиботии байни сервер ва дигар компютерҳои шабака фаҳмида мешавад.

Несту нобуд сохтани махзани мошинҳо гуфта, ин пурра нобуд шудан ё зарар дидани (бе нишонаи нест шудан) ҳамагуна намуди махзани мошинест, ки гирифтани маълумоти дар он ҳифзшударо истисно мекунад.

Тарафи субъективии ҷиноят дар қасди бевосита ифода мегардад.

Субъект – шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад.

[13] https://tg.wikipedia.org/wiki/Шабакаи_компютерӣ

Агар кирдорҳои номбаршуда бо роҳи ғайриқонунӣ (қасдона) даромадан (дастрас шудан) ба система ё шабакаи компютерӣ содир шуда бошад, ва ё аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад, он гоҳ чунин ҳаракатҳои хавфнок бояд бо қ.2 м.300 КҶ бандубаст карда шавад.

Тарафи субъективии ҷиноят (қ. 2 м. 300) гуноҳ ҳам дар шакли қасдона ва ҳам беэҳтиётӣ ифода мегардад.

Субъект (қ. 2 м. 300) – шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад.

**Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ** (моддаи 301)

Ҷинояти мазкур дар м. 301 КҶ ҶТ ҳамчун нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад (қ.1 м. 301), инчунин маҷбур кардан барои додани иттилооте, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, бо таҳдиди ифшо кардани маълумотҳои беобрӯкунанда нисбати шахс ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки ҷабрдида мехоҳад онҳоро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс ё наздикони ӯ ё бо таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки шахс, наздикони ӯ ва шахсони дигар, ки чунин иттилоот ба онҳо бовар карда супорида шудааст ё таҳти муҳофизати онҳо қарор дорад (қ. 2 м. 301), тавсиф карда шудааст.

Мақсади асосии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (моддаи 301) пеш аз ҳама ин ҳифзи иттилоот мебошад, ки он дар 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иттилоот” аз 2 декабри соли 2002 пешбинӣ карда шудааст. Ба мақсадҳои ҳифзи иттилоот мансубанд:

пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумшавӣ, ғалат маънидодкунӣ, сохтакории иттилоот;

пешгирӣ намудани амалиётҳои беиҷозат оиди нобудсозӣ, тағйирдиҳӣ, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот;

пешгирӣ намудани амалиётҳои боиҷозат ва беиҷозат, ки боиси қасдан ё бидуни қасд нобудсозӣ, бастани роҳи паҳншавӣ, ғалат маънидодкунӣ (сохтакорӣ), дуздӣ, нусхабардорӣ, ихроҷӣ, дигаргуншавӣ ва тағйирёбии иттилоот гардиданаш мумкин аст.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои зерини алтернативӣ иборат мебошад:

*Нусхабардории иттилооте, ки дар системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё дар махзани мошинҳо мавҷуд мебошанд.* Нусхабардории иттилооте, ки дар системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта мешавад, ин гирифтани нусхаи аслии иттилоотро бидуни осеб расонидан ва нигоҳ доштани имконияти истифодаи он бо мақсади таъиншуда (бар хилофи нобудсозӣ,

тағйир додан ва бастани (муҳосираи) иттилоот) бе иҷозати соҳибмулк ва аз ҷониби шахсони ваколатдор ё корбари қонунӣ, мебошад;

*Бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани* иттилооте, ки дар системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё дар махзани мошинҳо мавҷуд мебошанд - ҳама гуна василаи ғайриқонунии гирифтани иттилоот бидуни розигии соҳиби он ё шахсони ваколатдори онҳо, инчунин корбари қонунӣ ё бо розигии онҳо, аммо бар хилофи иродаи онҳо мебошад, ки бо мақсади бо салоҳдиди худ истифодаи ин маълумот ифода мегардад. Намунаи чунин тасарруф метавонад дуздии блоки системавӣ, инчунин ҳомилҳои барандаи иттилоот - CD-ҳо, флешкартаҳо ва ғайра мебошад, ки бо мақсади хондани иттилоот гирифта шудааст. Дар ин ҳолат, дуздидани системаи компютерӣ ё ҳомилҳои барандаи иттилоот бандубасти иловагиро ҳамчун ҷинояти зидди моликият - дуздӣ, ғоратгарӣ, тамаъҷӯӣ ва ғайра (вобаста ба тарзи тасарруфи амвол) талаб мекунад, зеро дар натиҷаи чунин тасарруф на танҳо ба амнияти иттилоотӣ, балки ба муносибатҳои амволӣ низ таҷовуз оварда мешавад.

*Дошта гирифтани* иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад. Дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад ҷой дорад, мисол, дар ҳолати бо воситаи почтаи электронӣ ирсол намудани иттилоот ба суроғаи шахси дигаре, ки истифодабарандаи он мебошад.

Тарафи субъективии (қ.1 м. 301) дар қасди бевосита ифода мегардад.

Субъект (қ.1 м. 301) – шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида ба ҳисоб меравад.

Қисми 2-юми ин модда ҷавобгарии ҷиноятии вазнинтарро дар ҳолати *маҷбур кардан барои додани иттилоот* пешбинӣ мекунад. Додани иттилоот (фошкунии иттилооти ҳифзшаванда) – ин беиҷозат расонидани иттилооти ҳифзшаванда ба истеъмолкунандагоне, ки ҳуқуқи дастрас кардани ин иттилоотро надоранд ба ҳисоб меравад. Тарзҳои чунин маҷбуркунӣ аз тарафи диспозитсияи модда пешбинӣ шудаанд ва ба онҳо дохил мешаванд[14]:

а) бо роҳи таҳдиди ифшо кардани маълумоти беобрӯкунанда нисбати шахс ё наздикони ӯ;

б) бо роҳи таҳдиди ошкор кардани чунин маълумотҳое, ки шахс мехоҳад онҳоро пинҳон дорад;

в) бо роҳи таҳдиди истифодаи зуроварӣ нисбат ба шахс ё наздикони ӯ;

г) бо роҳи таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани амволи шахс ё наздикони ӯ ва ё шахсони дигар.

Дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 301 КҶ ҶТ барои содир намудани ҷинояти мазкур бо истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс ё наздикони ӯ алоқаманд бошад; аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад ба ҷабрдида зарари ҷиддӣ расонида бошад; бо мақсади ба даст овардани иттилооти ниҳоят арзишнок;

[14] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Глобус, 2005. С. 400

такроран; аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад; аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

**Тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ** (моддаи 302).

Моддаи 302 КҶ ҶТ барои тайёр кардан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерии муҳофизатдор ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст.

Предмети ҷинояти мазкуррро воситаҳои махсус ташкил медиҳанд. Ба монанди клавиатураҳои ҷосусӣ, вирус-барномаҳо, барномаҳои махсусгардонидашуда (барои равон кардани иттилоот ба суроғаи электронии дигар) ва монанди инҳо. Дар байни ин воситаҳо трекерҳо (барномаҳои пайгирикунанда) ва ҷосусклавиатураҳо шакли паҳнгаштаи воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ ба ҳисоб мераванд.

*Трекерҳо* (барномаҳои пайгирӣ) ё пайгиркунандаҳо ба ҳамлагар маълумотро дар бораи маҳалли ҷойгиршавии дастгоҳ, вебсайтҳо, ҳуҷҷатҳо, рӯйхати алоқаҳо, масири сафар, ҷойҳои зуд-зуд диданшаванда ва ғайра мерасонанд. Трекерҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд: сахтафзор ва нармафзор. Намудҳои трекерҳо, ки дар шабакаи интернет ба таври ошкоро ҷойгир шудаанд: Reptilicus; Ear Agent; Intruder Selfie; Alfred Camera; iKeyMonitor; Cocospy ва ғайраҳо.

*Ҷосусклавиатураҳо* - ин барномаҳо ва дастгоҳҳои махсус мебошанд, ки бо зер кардани тугмачаҳои клавиатура ба сабт кардани кори компютер мегузаранд. Ба монанди трекерҳо, ҷосусклавиатураҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд: сахтафзор ва нармафзор.

Одатан чунин воситаҳоро Spyware ном мебаранд, яъне он ҳамчун барномаи зараррасон мебошад, ки бе розигии шахс иттилоотро аз дастгоҳҳо ҷамъ ва интиқол медиҳад.

1. Тарафи объективии ҷинояти мазкур ифода мегардад дар:

а) тайёр кардани барномаҳои махсус;

б) тайёр кардани воситаҳои таҷҳизотии махсус;

в) ба соҳибияти каси дигар додани барномаҳои махсус;

г) ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои таҷҳизотии махсус.

Тайёр кардани воситаҳои номбаршуда танҳо он вақт тарафи объективии ҷинояти тафсиршавандаро ташкил медиҳанд, ки агар он бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани чунин воситаҳо содир шуда бошад.

Ба соҳибияти каси дигар додан маънои фурӯхтан, туҳфа кардан, иваз кардан, додани чунин воситаҳои махсусро дорад.

Кирдорҳои номбаршуда танҳо он вақт бо моддаи мазкур бандубаст карда мешавад, ки агар онҳо бо мақсади ғайриқонунӣ даромадан ба системаи компютерӣ ва ё шабакаи компютерии муҳофизатшаванда содир шуда бошанд. Дар акси ҳол, агар чунин мақсад муайян нашавад, ҳаракатҳои шахс оид ба тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани барномаҳои махсус ва воситаҳои таҷҳизоти махсус, бо м.302 КҶ бандубаст карда намешавад[15].

Таркиби ҷинояти мазкур аз рӯи сохти таркибиаш расмӣ мебошад, яъне ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани яке аз ҳаракатҳои болозикр хотимаёфта дониста мешавад.

Тарафи субъективии ин ҷиноят дар қасди бевосита ифода мегардад.

Субъекти ҷиноят – шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад.

**Таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар** (моддаи 303).

КҶ ҶТ дар м. 303 ҷавобгариро барои таҳияи барномаҳои компютерӣ ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо маҳфуз аст, инчунин таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор, дидаю дониста истифода бурдани онҳо ё паҳн кардани махзанҳои дорои чунин барномаҳо муқаррар намудааст.

Ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки барномаҳои шубҳанок метавонанд қобилияти фалаҷ кардани кори системаи компютерӣ ё шабакаро дар ҳар лаҳза дошта бошанд, ки ин метавонад оқибатҳои вазнинро ба бор орад.

Ба сифати предмети ҷиноят барномаҳои зараровар баромад мекунанд. Дар зери мафҳуми *барномаҳои зараровар* барномаҳое фаҳмида мешаванд, ки онҳо махсус барои халалдор намудани фаъолияти муътадили системаҳои компютерӣ ва барномаҳои дар он буда, сохта шудаанд.

Яке аз шаклҳои паҳнгаштаи барномаҳои зараровар ин вирусҳо мебошанд. Барномаҳои компютерӣ, ки мустақилона паҳн мешаванд, афзоиш меёбанд ва ба системаи ё шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо зарар мерасонанд, дар ибтидои тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ пайдо шуда, вирус номида шудаанд. «Вирусҳои компютерӣ» - ин як намуди барномае мебошанд, ки онҳо метавонанд якчанд нусха зиёд шаванд, барномаҳоеро, ки ба онҳо дохил гардидаанд модифкатсия (тағйир) намоянд ва бо ин роҳ фаъолияти мӯътадили онҳоро халалдор намоянд.

Одатан, ҳар як вирус пас аз ба кор даромадан амалиётҳои гуногунро иҷро менамояд. Ҳоло, ба таври умумӣ амалиётҳои асосии вирусҳоро меорем, ки пас аз гирифтани идоракунӣ иҷро менамоянд[16].

---

[15] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Глобус, 2005. С. 400

[16] Ҳифзи иттилооти компутерӣ бо барномаи чорабиниҳои зиддивирусӣ // https://allinweb.ru/informatika/26076/

*Вируси резидентӣ* дар хотираи фаврии компютер нусхаи худро ҷустуҷӯ намуда, дар ҳолати дарёфт нашудани он ба хотира нусхаи худро менависад (сироят мекунад).

*Вируси ғайрирезидентӣ* файлҳои сироятнашударо дар бастаи ҷорӣ ё дар бастаҳое, ки бо фармони PATH муайян шудаанд, ҷустуҷӯ менамояд, дарахти бастаҳои дискҳоро ошкор мекунад ва пас, файлҳои дарёфтшударо сироят мекунад.

*Вирусҳои огозбахш.* Номи вирусҳои оғозбахш (загрузочные вирусы) мувофиқи тарзи дохилшавии онҳо ба компютер гузошта шудааст. Онҳо коди барномавӣ мебошанд, ки дар сектори оғозбахши барандаи магнитӣ ҷойгир мешаванд.

*Макровирусҳо.* Ҳангоми ба кор даромадани макровирус сироятшавии қолибҳо (шаблон), ки дар асоси онҳо дар протсессори матнӣ ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешаванд, ба вуҷуд меояд. Масалан, бо сироятшавии қолиби Normal.dot ҳамаи ҳуҷҷатҳои протсессори матнӣ, ки дар компютери додашуда тартиб дода ё ислоҳ карда шудаанд, сироят мешаванд.

*Вирусҳои сенариявӣ.* Вирусҳои ссенариявӣ бо мақсади идоранамоии масофавии компютерҳои назоратшаванда, ҳамчун воситаи ёрирасон барои маъмурони шабакаҳо пешбинӣ шуда буд. Масалан, вируси ссенариявӣ, ки нақшаи (ссенарияи) кори сервери WSH-ро дар бар дорад метавонад, тавассути Web-саҳифа ё почтаи электронӣ ба компютер ворид гардад. Мувофиқи фармонҳои ссенария сервер коди зараррасонро тартиб дода, ба таври автоматикӣ ба кор даромадани онро ҳангоми оғози кори компютер таъмин менамояд.

*Вирусҳои почта ва хазандаҳои шабакавӣ.* Ҳоло, мутаасифона вирусҳои хеле зиёде пайдо шудаанд, ки бо осонӣ ба компютер дохил шуда метавонанд. Барои чунин вирусҳо ба шабака пайваст будани компютер кифоя аст. Пас аз сироятшавӣ компютери мазкур барои дигар компютерҳои шабакаи глобалӣ манбаи сироятшавӣ мегардад.

*Троян.* Троян гуфта, ҳоло барномаеро дар назар доранд, ки одатан худро ҳамчун барномаи безарар ва хеле муҳим вонамуд месозад. Чӣ тавре, ки пай бурдан мумкин аст, дар асл худи калимаи «троян» аз ибораи «аспи Троянӣ»-и ривоятҳои Юнони қадим сарчашма гирифтааст. Ҳоло бошад, калимаи мазкур бештар бо калимаи «вирус» алоқаманд аст. Вирусҳои троянӣ – барномаҳое мебошанд, ки як қатор амалиётҳои ноаён, вале зарароварро дар компютер иҷро менамоянд. Масалан, онҳо метавонанд бе иҷозат маълумотҳои як компютерро барои дигар компютер дастрасшаванда намоянд (BackDoor). Инчунин троянҳо метавонанд худ маълумотҳои лозимиро аз компютери ҷабрдида ба суроғаи муайян ирсол намоянд (Trojan.PSW).

*«Кирмакон»* - ин як намуди махсуси барномаи сохташудаи зарароваре мебошанд, ки онҳо хусусияти беохири зиёдшавиро аз рӯи рамзҳояшон доранд ва метавонанд бо воситаи шабакаи компютерӣ пинҳонӣ аз истифодабарандаи шабака бо истифодаи усулҳои гуногун ҳимояи шабакаро бартараф (рахна) намоянд.

*«Бомбаҳои почтавӣ» (Емейл-бомба), (ба забони англисӣ email-bomb)* - усули оддӣ ва ноаёни ҳамлаи киберӣ, ки моҳияти он дар вайрон кардани кори муқаррарии почтаи электронии қабулкунанда бо ба суроғаи почтаи ӯ ирсол намудани паёмҳои ҳаҷман калон ё миқдори зиёд ифода мегардад. Ин яке аз вариантҳои DoS-ҳамлаҳо мебошад, онро бо роҳи фиристодани як паём такрор ба такрор иҷро кардан мумкин аст. Барои онҳое, ки аз хидматрасонии пулакӣ истифода мебаранд, чунин ҳамла метавонад боиси афзоиши арзиши онҳо гардад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро ҳаракатҳои зерин ташкил медиҳанд:

а) *Таҳияи (коркарди) барномаҳои компютерӣ.* Таҳти мафҳуми таҳияи барномаҳои компютерии зараррасон навиштани матни онҳо (алгоритм) ҳамчун пайдарпаии фармонҳои мантиқӣ ва сипас табдил додани он ба забони хондании мошин, сарфи назар аз он, ки он ба хотираи компютер ворид карда шудааст ё на, фаҳмида мешавад.

б) *Дохил намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷудбуда.* Дохил кардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда ин тағйир додани онҳо, яъне тағйир додани матни барнома бо роҳи хориҷ кардани қисмҳои он, иваз кардани онҳо бо дигарон ва матни барнома мебошад. Тағйирот танҳо дар сурате қобили ҷазо аст, ки агар ҷинояткор барномаи дар компютер коршударо ислоҳ карда бошад ё барномаи ислоҳшударо дар ҳама гуна васила паҳн кунад. Ислоҳи барномаи дар рӯи коғаз овардашуда таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад.

в) *Таҳияи (коркарди) барномаҳои махсуси вирусдор (зараровар) барои МЭҲ.* Таҳти мафҳуми таҳияи (коркарди) барномаҳои махсуси вирусдор (зараровар) барои МЭҲ навиштани матни онҳо (алгоритм) ҳамчун пайдарпаии фармонҳои мантиқӣ, сарфи назар аз он, ки он ба хотираи компютер ворид карда шудааст ё на, фаҳмида мешавад.

г) *истифода бурдани барномаҳои махсуси вирусдор.* Истифода бурдани барномаҳои махсуси вирусдор чунин амале мебошад, ки барои ба муомилот ворид кардани ин гуна барномаҳо, ба истиснои паҳн кардани василаҳои нигоҳдории чунин барномаҳо (ин кирдори мустақили моддаи 303 КҶ ҶТ мебошад) ё дидаву дониста истифодаи мустақилонаи онҳо нисбат иттилооти компютерии каси дигар равона гардидааст. Маълум аст, ки паҳн кардани барномаҳо бидуни интиқоли василаи онҳо танҳо тавассути шабакаи компютерӣ - локалӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ имконпазир аст. Истифодаи чунин барномаҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, масалан, барои нобуд кардани иттилооти компютерии худ ҷиноят намебошад.

д) паҳн кардани махзанҳои дорои барномаҳои вирусдор - ин интиқоли василаҳо бо чунин барномаҳо ба шахсони сеюм, ба таври музднок ё ройгон, доимӣ ё муваққатӣ мебошад.

Таркиби ҷинояти мазкур расмӣ буда, фаро расидани оқибатро талаб намекунад ва он аз лаҳзаи содир намудани яке аз ҳаракатҳои болозикр хотимаёфта дониста мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноят аз қасди бевосита иборат мебошад.

Субъекти ҷинояти мазкур шахсе, ки ба синни 16-солагӣ расидааст, шуда метавонад.

Қисми 2 м. 303 ба сифати аломати вазнинкунанда фарорасии оқибати вазнинро аз рӯи беэҳтиёти пешбинӣ менамояд. Сохтани барномаҳои вирусдор (зараровар) фақат ба мутахасисони баландихтисоси барномасоз мансуб мебошад, ки вобаста ба дараҷаи тайёрии касбии худ бояд оқибатҳои истифодаи ин гуна барномаҳоро пешбинӣ намоянд. Вале ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯи қ.2 м. 303 КҶ ҶТ дар он ҳолат фаро мерасад, ки агар чунин муттахасисон худбоварона ба бартараф намудани оқибатҳо умед банданд ва ё имконияти фарорасии оқибати ба ҷамъият хавфнокии амали худро пешбинӣ накарда бошанд, агарчи ҳангоми бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонистанд онҳоро пешбинӣ кунанд[17].

**Вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ** (моддаи 304).

КҶ ҶТ дар м. 304 ҷавобгариро барои вайрон кардани қоидаҳои истифодаи системаи ё шабакаи компютерӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, агар ин амал аз беэҳтиётӣ боиси нобуд ё муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ, вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ гашта бошад, муқаррар намудааст.

Дар асл, чунин вайронкунӣ метавонад дар риоя накардани қоидаҳои муайяни сахтафзор ё амнияти нармафзори системаи компютерӣ ё шабака ифода гардад. Масалан, истифодаи васоити нигаҳдории мошинҳо бидуни санҷиши барномаҳои "вирус", риоя накардани пайдарпаии амалиёт, пайвастшавии нодурусти дастгоҳҳои канорӣ ва ғайра мебошад.

Тавре ки маълум аст, диспозитсияи қисми 1 м. ҷинояти мазкур хусусияти бланкетиро доро аст. Қоидаҳои кори системаҳо ва шабакаҳои компютериро ё бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар соҳаҳо муайян мекунанд, ё аз ҷониби истеҳсолкунандагони таҷҳизоти техникӣ таҳия ва бо онҳо таъмин карда мешаванд, ё аз ҷониби соҳиби ин таҷҳизоти техникӣ муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳамеша ба ин қоидаҳо муроҷиат кардан лозим аст, то муайян карда шавад, ки кадом талаботи мушаххас ва кадом санади меъёрӣ, дастурҳо, қоидаҳои истифода аз ҷониби гунаҳкор вайрон карда шудааст. Бояд дар назар дошт, ки тибқи ин модда вайронкунии на ҳама қоидаҳои кор бо компютерҳо, балки танҳо қоидаҳои техникии кор ҷазо дода мешавад.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи копмютерӣ иборат аст. Вайрон кардани чунин қоидаҳо мумкин аст чӣ бо роҳи ҳаракат, ва чӣ бо роҳи беҳаракатӣ содир карда шаванд. Лекин чунин рафтор он вақт ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он ба фаро расидани як ё якчанд оқибатҳои зерин оварда расонанд:

---

[17] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Глобус, 2005. С. 401

а) нобуд ё муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ;

б) вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ;

в) расонидани зарари ҷиддӣ.

Тарафи субъективӣ гуноҳи беэҳтиётиро дар намудҳои худбоварӣ ва ё бепарвоӣ тақозо дорад.

Субъект – махсус мебошад, яъне, шахсе, ки ба ӯ барои даромадан ба чунин система ё шабакаи компютерӣ ҳуқуқ дода шудааст. Бинобар ин, дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдор (фармон, амр) бояд муайян кард, ки шахс дорои чунин ваколатҳо мебошад ё не.

## Масъала

Шаҳрвандон Д.Р., Ҷ.Ҷ. ва П.Н. бо маслиҳати пешакӣ дар давоми моҳҳои май ва октябри соли 2012 дар суроғаи хиёбони Шерозии пойтахт ҳуҷраеро ба иҷора гирифта, ғайриқонунӣ таҷҳизоти техникӣ — як блоки системавӣ ва шаш дона USB-HUB бо 58 дона 3G модем гузошта, бо истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ, ғайриқонунӣ системаи Ширкати "ХХХ»-ро ба маблағи умумӣ 1000 000 сомонӣ ва 300 симкортҳои Ширкати "ЕЕЕ » - ро ба маблағи 200 0000 доллари амрикоӣ истифода намуда, ба ширкатҳои номбурда зарари калони моддӣ расонидаанд.

Ба кирдори ин шахсон баҳо диҳед?

Объекти ҷиноятро муайян намоед?

Кирдори мазкур бо кадом моддаи КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад?

## Тестҳо

**№1. Тарафи субъективии вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютериро нишон диҳед:**

А) Қасдона;
Б) Омехта;
В) Қасди бевосита;
Г) Беэҳтиётӣ.

**№2. Таркиби ҷинояти таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зарароварро нишон диҳед:**

А) Моддӣ;
Б) Расмӣ;

В) Кӯтоҳшуда;

Г) Расмӣ- моддӣ.

**№3. Субъекти вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютериро нишон диҳед:**

А) Шахси мансабдор;

Б) Хизматчии давлатӣ;

В) Мансабдор ва шахсе, ки мансабҳои давлатии ҶТ ё сардори мақоми худидоракунии маҳаллиро ишғол мекунад;

Г) шахсе, ки ба ӯ барои даромадан ба чунин система ё шабакаи компютерӣ ҳуқуқ дода шудааст.

**№4. Несту нобуд сохтани махзани мошинҳо гуфта:**

А) ин пурра нобуд шудан ё зарар дидани (бе нишонаи нест шудан) ҳамагуна намуди махзани мошинест, ки гирифтани маълумоти дар он ҳифзшударо истисно мекунад;

Б) ин қисман нест кардани компютер мебошад;

В) ин тағйир додани матни барнома бо роҳи хориҷ кардани қисмҳои он, иваз кардани онҳо бо дигарон ва матни барнома мебошад;

Г) ин навиштани матни онҳо (алгоритм) ҳамчун пайдарпаии фармонҳои мантиқӣ, сарфи назар аз он, ки он ба хотираи компютер ворид карда шудааст ё на фаҳмида мешавад.

**№5. Субъекти тахриби компютерӣ кӣ шуда метавонад:**

А) Шахси мукаллафи ҷисмонии 14-сола;

Б) Шахси мукаллафи ҷисмонии 16-сола;

В) Шахси мукаллафи ҷисмонии 18-сола;

Г) Шахси мукаллафи ҷисмонии 16-14 сола.

**№6. Ҳифзи иттилоот чист?**

А) маҷмӯи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд

Б) ин қисман нест кардани компютер мебошад;

В) ин тағйир додани матни барнома бо роҳи хориҷ кардани қисмҳои он, иваз кардани онҳо бо дигарон ва матни барнома мебошад;

Г) ин навиштани матни онҳо (алгоритм) ҳамчун пайдарпаии фармонҳои мантиқӣ, сарфи назар аз он, ки он ба хотираи компютер ворид карда шудааст ё на фаҳмида мешавад.

**№7. Нобудсозии иттилоот – ин:**

А) амали барқасдона мебошад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти иттилоот барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳаҷми пурра ё маҳдуд қатъ мегардад;

Б)маҷмӯи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд;

В) қисман нест кардани компютер мебошад;

Г) ин тағйир додани матни барнома бо роҳи хориҷ кардани қисмҳои он, иваз кардани онҳо бо дигарон ва матни барнома мебошад;

**№ 8. Муҳосираи (блокировкаи) иттилоот – ин:**

А) иҷрои амале, ки ба маҳдудият ва ё пӯшидани (махкам намудани) дастрасӣ ба системаи компютерӣ ва захираҳои иттилоотии пешниҳодкунандаи он оварда мерасонад;

Б) дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд;

В) амали барқасдона ё беэҳтиётона мебошад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти иттилоот барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳаҷми пурра ё маҳдуд қатъ мегардад

Г) ин вайрон кардани чӣ барномаҳо, асоси (манбаи) маълумотҳо, хориҷи иттилоотҳои таҳрифкардашудаи алоҳида, ҳамчунин ҳангоми фаъолияти маъводҳои таҷҳизоти ғайриасосӣ ва таҷҳизоти периферӣ ва ё вайрон кардани фаъолияти мӯътадили шабака мебошад

**№9. Тағйирдиҳии иттилоот – ин:**

А) иҷрои амале, ки ба маҳдудият ва ё пӯшидани (махкам намудани) дастрасӣ ба системаи компютерӣ ва захираҳои иттилоотии пешниҳодкунандаи он оварда мерасонад;

Б) дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд;

В) амали барқасдона ё беэҳтиётона мебошад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти иттилоот барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳаҷми пурра ё маҳдуд қатъ мегардад

Г) ин вайрон кардани чӣ барномаҳо, асоси (манбаи) маълумотҳо, хориҷи иттилоотҳои таҳрифкардашудаи алоҳида, ҳамчунин ҳангоми фаъолияти маъводҳои таҷҳизоти ғайриасосӣ ва таҷҳизоти периферӣ ва ё вайрон кардани фаъолияти мӯътадили шабака мебошад.

**№10. Аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ – ин:**

А) иҷрои амале, ки ба маҳдудият ва ё пӯшидани (махкам намудани) дастрасӣ ба системаи компютерӣ ва захираҳои иттилоотии пешниҳодкунандаи он оварда мерасонад;

Б) дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд;

В) амали барқасдона ё беэҳтиётона мебошад, ки дар натиҷаи он мавҷудияти иттилоот барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳаҷми пурра ё маҳдуд қатъ мегардад

Г) ин вайрон кардани чӣ барномаҳо, асоси (манбаи) маълумотҳо, хориҷи иттилоотҳои таҳрифкардашудаи алоҳида, ҳамчунин ҳангоми фаъолияти маъводҳои таҷҳизоти ғайриасосӣ ва таҷҳизоти периферӣ ва ё вайрон кардани фаъолияти мӯътадили шабака мебошад.

## Саволҳои кори хаттӣ

- Роҳҳои пешгирӣ намудани киберҷиноятҳо;
- Унсурҳои объективии тахриби компютерӣ;
- Унсурҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ;
- Амнияти иттилоотӣ ҳамчун объекти ҷиноят;

## Саволҳои худсанҷишӣ

Киберҷиноят чист?

Дар бораи предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ маълумот диҳед?

Тарафи объективии таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар дар кадом ҳаракатҳо зоҳир мегардад.

Дар бораи субъекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ маълумот диҳед?

Вирус чист?

Шабакаи компютерӣ чист?

Несту нобуд кардани иттилоот компютерӣ гуфта чиро мефаҳмед?

Тахриби компютерӣ чист?

Тағйир додани иттилооти компютерӣ гуфта чиро мефаҳмед?

**Адабиёти тавсияшаванда:**

Jody R. Westby. Laws on Crimes against Computer Systems // International Guide to Combating Cybercrime. -- ABA Publishing, 2003.

Megan McAuliffe «Australian hackers face jail time». - ZDNet Australia, 09.04.01; David Adams «Momentum grows for e-crime centre». - Fairfax. IT, 28.03.01.

Thomas J Holt,Adam M Bossler,Kathryn C Seigfried-Spellar. Legal challanges in dealing with malware // Cybercrime and Digital Forensics: An Introduction. New York: Routledge, 2015.

Андреев Б.В., Пак П.Н., Хорст В.П. Расследование преступлений в сфере компьютерной информации. - М.: Юрлитинформ, 2001. - 152с.

Беляев Е.В. Типы личности «компьютерного преступника» / Е.В. Беляев // Законодательство и экономика. - № 5. - 2014. - С.74-77.

Волеводз А. Международная взаимопомощь при расследовании компьютерных преступлений (анализ международно-правовых документов) // Вопросы правоведения. Межвузовский сборник научных трудов. № 4. - Ереван: Изд-во Ереван. ун-та, 2001. - С.11-26.

Гаврилов М.В. Противодействие преступлениям, совершаемым в сфере компьютерной информации. - М.: Юрлитинформ, 2007. - 188 с.

Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации. Научно-практический комментарий к главе 28 Уголовного кодекса Российской Федерации. - Тамбов, 2015. - 474с.

Евдокимов К.Н. Актуальные вопросы предупреждения преступлений в сфере компьютерной информации в Российской Федерации // Академический юридический журнал. - № 1 (59). - 2015. - С.21-31.

Зинина У.В. Международное сотрудничество в сфере борьбы с компьютерными преступлениями // Право и безопасность. - № 3. -2005. - С.92-99.

Иванов В.П. Защита от электронного шпионажа // Сети и системы связи. - 2006. - №3. - С.110-111.

Калиниченко И.А., Коробов А.А. и др. Теоретические основы противодействия неправомерному доступу в сфере информационных технологий. Под общ. ред.: Калиниченко И.А. - Орел, 2013. - 179с.

Косынкин А.А., Подольный Н.А. Преодоление противодействия расследованию преступлений в сфере компьютерной информации: - Москва: Юрлитинформ, 2013. - 216с.

Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. - М.: Инфра-М-Норма, 2007. - 285с.

Сизов А.В. Причины и условия совершения преступлений в сфере компьютерной информации // Информационное право. - № 2. - 2008. - С.38-41.

Степанов-Егиянц В.Г. Криминологическая характеристика личности компьютерного преступника // Российский следователь. - № 19. - 2014. - С.41-44.

Федоров В. Компьютерные преступления: выявление, расследование и профилактика // Законность. - № 6. - 2004. - С.44-47.

Халиуллин А.И. Место совершения преступления как признак состава преступления в сфере компьютерной информации // Актуальные проблемы экономики и права. - № 1 (21). - 2012. - С.291-294.

Чекунов И.Г. Киберпреступность: понятие и классификация // Российский следователь. - 2014. - № 2. - С. 37 - 44.

Комиссаров В.С. Преступления в сфере компьютерной информации:

понятие и ответственность. – Юридический мир. 1998. № 2. С.9-19.